# Рузи ошуро аз дидгоҳи аҳли суннат ва ҷамоат

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Нависанда: Исҳоқи Дабири**

**Тарҷумаи: Мусаби Ҳамза**

2009 - 1430

islamhouse.com

# يوم عاشوراء عند أهل السنة و الجماعة

« باللغة الطاجيكية »

## مؤلف : إسحاق دبيري

إعداد : مصعب حمزة

2009 - 1430

islamhouse.com

# Рузи ошуро аз дидгоҳи аҳли суннат ва ҷамоат

## Хулосаи саргузашти Мусо (а) ва Фиръавн

Вақто ки Мусо (а) ва ҳамроҳонаш бо амри Худованд ба тарафи соҳили дарё (дарёи Нил) равона шуданд, Фиръавнҳам бо лашкараш аз дунболи онҳо равона шуд.
Ҳангоме ки Мусо (а) бо бани Исроил ба лаби дарё расид онҷо киштие ё василае барои гузаштан аз дарё вуҷуд надошт.
Дар рубаруяшон дарё ва дар пушташон Фиръавн бо лашкараш буд, ва онҳо ғайр аз ду роҳ дигар роҳе надоштанд: ё дохил шудан ба дарё, ва ё инки рубару шудан бо душман (Фиръавн ва лашкараш).
Дар ҳолати бисёр сахт бани Исроил мегуфтанд ки: Фиръавниён бар мо мерасанд (яъне моро мекушанд ва ё аз нав ғулом мекунанд).
Вале Мусо (а) гуфт: Фиръавниён ҳаргиз бар мо намерасанд, зеро Парвардигор бо ман аст ва манро роҳнамои мекунад, ва роҳи наҷотро бар ман нишон иедиҳад.
Дар ин ҳолат Худованд барои Мусо (а) ваҳӣ фиристод ки асои худро бар дарё бизан.
Дарё шикофта шуд ва барои Мусо (а) ва ҳамроҳонаш 12 роҳ дар даруни дарё боз шуд.
Дар ду тарафи роҳи бозшуда оби дарё мисли куҳи бузурге намудор буд.
Фиръавн дар ҳайратмонда нигоҳ мекард ки чигуна Мусо (а) ва ҳамроҳонаш ба осони ва роҳат аз дарё мегузаранд.

Вақто ки Фиръавниён диданд ки Мусо (а) ва ҳароҳонаш аз дарё гузашта дар соҳили дигари дарё роҳмераванд, гумон карданд ки роҳи дарё барои онҳоҳам боз аст, ва метавонанд ки аз ин соҳил ба он соҳили дарё гузаранд, ва аз пушти онҳо инҳоҳам дохили дарё шуданд.

Аммо дарё ки бо фармони Худованд барои Мусо ва ҳамроҳонаш роҳро боз карда буд, баъд аз ин ки онҳо ба хушки баромаданд, ва Фиръавн бо ҳамроҳонаш ба миёни дарё расиданд, оби дарё ба ҳам расид ва Фиръавн бо ҳамроҳонаш ғарқ шуданд.

Дар ҳолати ғарқшави Фиръавн хост ки ба Худованд имон биорад, вале ин имон оварданаш барои у фоидае накард, чунон ки Худованд аз забони Фиръавн дар Қурон мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿قَالَ ءَامَنتُ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱلَّذِىٓ ءَامَنَتْ بِهِۦ بَنُوٓاْ إِسْرَٰٓءِيلَ وَأَنَا۠ مِنَ ٱلْمُسْلِمِينَ ﴿٩٠﴾ ءَآلْـَٰٔنَ وَقَدْ عَصَيْتَ قَبْلُ وَكُنتَ مِنَ ٱلْمُفْسِدِينَ ﴿٩١﴾ فَٱلْيَوْمَ نُنَجِّيكَ بِبَدَنِكَ لِتَكُونَ لِمَنْ خَلْفَكَ ءَايَةً﴾ يونس: ٩٠ - ٩٢

Тарҷума: "Имон овардам ба ин ки маъбуди бар ҳақе нест магар Худои ягонае ки бани Исроил ба У имон оварданд(Худованд Фиръавнро хитоб карда мегуяд) Оё ҳоло имон меори! Ва пеш аз ин аз муфсидону табаҳкорон буди? Имруз туро бо ҷиси беҷонат аз дарё берун орем то барои касоне ки баъд аз ту меоянд дарсу ибрате бошад, ва бидонад ки ту бандае ҳасти, ва монанди ту кибру ғурур барнадоранд" сураи Юсуф 90-92

## Рузи ошуроро бо руза гирифтан бояд гузаронид

Вақте ки расули Худо (с) аз Макка ба Мадина ҳиҷрат кард, дид ки яҳудиҳои Мадина рузи ошуроро руза мегиранд, гуфт: "Барои чи имрузро руза мегиред? Гуфтанд: ин рузе аст ки Худованд Мусо (а) ва муъминонро аз дасти Фиръавн ва лашкаронаш наҷот дод, ва Фиръавн ва лашкариёнашро дар дарё ғарқ кард.

Мусо (а) онрузро барои шукргузории Худо руза гирифт, ва мо ҳам барои ҳамин руза мегирем.

Расули Худо (с) фармуданд: Мо ба Мусо (а) аз шумо барҳақтар ҳастем, ва ба руза гирифтани он руз амр кард, ва фармуд: Агар то соли оянда зинда бошам, рузи нуҳумро низ руза хоҳам гирифт, яъне рузи нуҳум ва рузи даҳумро руза хоҳам гирифт.

Расули Худо (с) мефармояд: Беҳтарини рузаҳо баъди рузаи моҳи рамазон рузаи моҳи Худо, моҳи муҳаррам аст.

Дар бораи  рузаи рузи ошуро пурсида шуд: фармуд: Руза гирифтани он каффораи (сабаби бахшиши) гуноҳони (сағира ё хурди) соли гузашта мешавад. (Яъне рузаи рузи ошуро сабаби бахшида шудани гуноҳони хурди як соли гузашта мебошад).

Рузи ошуро фазилати бисёр бузурге дорад, ва рузаи он руз дар миёни Паёмбарон маъруфу машҳур буд, инчунин Қурайшиҳо дар замони ҷоҳилият он рузро барои фазлу бузургиаш руза мегирифтанд.

Ва дар ривояти дигар омадааст ки Расули акрам -дуову дуруд бар у бод- фармуданд:

«صُومُوا يَوْمًا قَبْلَهُ أَوْ يَوْمًا بَعْدَهُ، خَالِفُوا اليَهُودَ».

"Бо яҳудиҳо мухолифати кунед, як руз пеш аз онро руза гиред (пеш аз рузи даҳум яъне рузи нуҳумро) ва ё як руз баъд аз онро руза гиред (рузи ёздаҳумро)"

Пас хубаст барои мусалмон ки рузҳои нуҳуму даҳум ва ё даҳуму ёздаҳумро руза гирад, то ин ки соҳиби фоидаҳои зиёде шавад, ва аз ҷумлаи он фоидаҳо:

## Фоидаҳои руза гирифтани рузи ошуро:

1- Ин ки аҷру савоби як моҳа рузаро барои у навишта мешавад, зеро ҳар як ҳасана ва неки баробари даҳ ҳасана аст, ва Расули акрам -дуову дуруд бар у бод- се руз аз ҳар моҳ руза мегирифт, ва ба он амр мекарданд.

2- Ин ки рузаи моҳи муҳаррам аз беҳтарин рузаҳост баъди рузаи моҳи рамазон чуноне ки дар боло зикр кардем.

3- Ин ки бо руза гирифтани рузи нуҳуму дуҳуму ёздаҳум мухолифати бо яҳудиҳо мешавад ва Паёмбар -дуову дуруд бар у бод- ба ин кор амр кардааст.

4- Ин ки иқтидо ва пайрави бар расули акрам -дуову дуруд бар у бод- бикунем.

5- Ин кафорати гуноҳони хурди соли гузашта хоҳад буд.